# Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи “Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.–Забони тоҷикӣ

Мавзуи баҳси муродифот як бахши муҳими илми забоншиносӣ ба шумор рафта, омӯзиш ва таҳқиқи он, хусусан муродифоти грамматикӣ дар асоси маводи осори ин ё он адиб аз манфиат холӣ нест. Омӯзиши воҳидҳои ҳаммаънои наҳвӣ дар асоси маводи яке аз шоҳасарҳои халқӣ – «Чор дарвеш» имконият фароҳам меоварад, ки муродифоти ибораҳои гуногун ва имконоти услубии онҳо ошкор карда шавад. Аз ин рӯ омӯзиш ва баррасии муродифоти ибораҳои номӣ саривақтӣ мебошад.

Мубраммияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи муродифшавии ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар асоси маводи «Чор дарвеш» бори аввал дар забоншиносии тоҷик мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, натиҷаву мушоҳидаҳо дар қисмати хулоса ҷамъбаст гардидаанд.

Муқаддимаи рисола тибқи муқаррароти муайяншуда таҳия шуда, дар он мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назариву амалӣ ва методологияи таҳқиқ, сарчашма ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, хеле муҳим ва амиқ нишон дода шудааст.

**Боби аввал** «Масоили назариявии муродифоти ибора ва ҷумлаҳои сода дар забоншиносӣ » унвон дошта, аз чор фасл иборат аст.

**Фасли аввали боби якум «Матолиби муқаддамотӣ»** ном дошта, асосан масъалаҳои назариявии омӯзиши муродифоти ибораҳо ва ҷумлаҳои содаро дар забоншиносии тоҷик баррасӣ гардидааст.

**Фасли дуюми боби якум** «Баррасии муродифоти наҳвӣ дар забоншиносии тоҷик» ном дорад. Унвонҷӯ дар ин фасл сарчашмаҳои зиёдеро дар забоншиносии тоҷик, ки доир ба ибораҳои номӣ, ҷумлаҳои сода ва муродифоти грамматикӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, баъзан бо муҳаққиқон баҳсҳои илмӣ намудааст.

**Фасли сеюми боби якум** «Таҳқиқи муродифоти наҳвӣ дар забоншиносии рус» ном дошта, доир ба таҳқиқи мавзуи ибора ва ҷумлаи сода дар забоншиносии рус маълумот дода, баҳсҳои илмӣ менамояд.

**Фасли чоруми боби якум** «Таҳқиқи ибора, ҷумла ва муродифшавии онҳо дар осори шевашиносӣ» унвон дошта, дар ин фасл оид ба таҳқиқ ва назари олимони шевашинос маълумот дода шудааст.

**Боби дуюми** диссертатсия «Қолибҳои ибораҳои номии изофии ҳаммаъно дар «Чор дарвеш»» ном дошта, аз чор фасл иборат аст.

**Фасли аввали боби дуюм** «Муродифоти қолибҳои ибораҳои исмии изофӣ» унвон гирифта, ба масъалаҳои муродифоти ибораҳои исмии изофӣ бахшида шудааст. Унвонҷӯ маводи фаровонеро, ки бо факки изофат ташкил шудаанд, мавриди баррасӣ қарор додааст.

**Фасли дуюми боби дуюм** «Муродифоти ибораҳои изофӣ бо навъҳои дигари ибора» унвон дошта, ба муродифоти ибораҳои изофӣ бо ибораҳои вобастагӣ пешояндӣ ва пасояндӣ, ҳамроҳӣ ва баръакс бахшида шудааст. дар ин қисмати кор ибораҳо аз ҷиҳати таркиби морфологӣ гурӯҳбандӣ карда шуда, аз ҷиҳати басомад низ муайян карда шудаанд.

**Фасли сеюми боби дуюм** «Муродифоти ибораҳои сифатӣ, ҷонишинӣ ва шуморавӣ дар «Чор дарвеш» унвон гирифта, муродифшавии ин ибораҳо баррасӣ шудааст, ки ҷолиб мебошад.

**Фасли чоруми боби дуюм** «Муродифоти ибора бо калимаҳои мураккаб ва баръакс» унвон гирифта, ба таҳқиқи калимаҳои мураккаби аз ибораҳои номӣ ба вуҷуд омада, муносибати муродифии байни онҳо бахшида шудааст. Дар ин фасл 14 қолаби калимаҳои мураккаб бо мисолҳо шарҳ ёфтааст. Инчунин дар «Чор дарвеш» 11 қолиби калимаҳои мураккаби фразеологӣ мушоҳида гардид, ки аз рӯйи мансубият ба ҳиссаҳои нутқ ба гурӯҳҳои мухталифи лексикию грамматикӣ мутааллиқанд: **исм+исм** (1 вожа), **исм+сифат** (14 вожа), **исм+феъл** (73 вожа), **исм +феъли ҳол** (7 вожа), **исм+сифати феълӣ** (16 вожа), **сифат+исм** (16 вожа), **зарф+исм** (1 вожа), **ҷонишин+феъл** (2 вожа).

**Боби сеюми диссертатсия** «Муродифоти ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш»» ном дошта, аз се фасл иборат аст.

**Фасли аввали боби сеюм** «Муродифоти хелҳои комуникативии ҷумлаҳои сода» унвон дорад. Дар он таҳти ду зерфасл муродифоти ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ ва ифодаи маънои инкор дар «Чор дарвеш» ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, барои тақвияти фикр маводи зиёде баррасӣ шудааст.

**Дар фасли дуюми боби сеюм** «Муродифоти қолибҳои аслӣ ва ҳосила» ҷумлаҳое, ки дар қолибҳои гуногуни наҳвӣ ба як маъно далолат мекунанд, баррасӣ гардидаанд.

**Фасли сеюми боби сеюм** «Муродифоти хелҳои ҷумлаи сода аз ҷиҳати сохтори наҳвӣ» унвон дорад. Дар ин фасл муродифшавии ҷумлаҳои сода бо ҷумлаҳои содаи дутаркиба ва навъҳои ҷумлаҳои содаи яктаркибаи феълӣ инчунин муродифшавии ҷумлаҳои содаи яктаркибаи умумишахс, бешахс, муайяншахс ва ғайра бо истифодаи мисолҳои фаровон мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд.

Дар қисмати хулосаи автореферати диссертатсия муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмию амалии таҳқиқотро дар 17 банд ҷамъбаст кардааст.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки унвонҷӯ доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 6 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 адад дар нашрияҳои илмии гуногуни ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, муҳтаво ва масоили бахшҳои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар баробари дастовардҳову комёбиҳои назаррас дар матни автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои ислоҳпазир ба мушоҳида мерасанд, ки бартараф кардани онҳо, дар оянда, ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Баъзе ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба матни автореферати диссертатсия роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ мехоҳанд (саҳ. 5,10, 11, 13, ).
2. Басомади мисолҳо бо диаграмма нишон дода мешуд, ба манфиати кор буд.

Нуқсонҳои ҷузъии ишорагашта сатҳи илмии рисолаи мазкурро коста намегардонад ва умедворем, ки аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, дар оянда такмилу пурра гардонида мешавад.

Диссертатсияи диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи "Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, анҷомёфта буда, ба талаботи «Низомномаи Шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи он Иброимова Гуландом Наимовна ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Му□арриз:**
Доктори илми филология, мудири
кафедраи забони то□икии МДТ
“Донишго□и давлатии тиббии То□икистон
Ба номи Абуал□ ибни Сино” Низомова С.Ф.

Суро□а: 734003, ш. Душанбе,
Кучаи Сино 29-31
Тел:935154029
E-mail:sanobarnizomova66@gmail.com

Имзои Низомова С.Ф.-ро тасди□ мекунам:
Сардои Раёсати Рушди кадрии МДТ
“Донишго□и давлатии тиббии То□икистон ба
номи Абуал□ ибни Сино” Сафаров Б.И.

Суро□аи муассиса:
734003, ш. Душанбе,
кучаи Сино 29-31;
тел:446003977; факс 2353496
E-mail:info@tajmedun.tj
Web: WWW. tajmedun.tj

09. майи соли 2023.